ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзуи «Мониторинги эпизоотологӣ ва эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди бруцеллёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», ки барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6Д. КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дифои дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. — Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзӯи кори илмӣ ба яке аз самтҳои муҳими тандурустии ветеринарӣ, эпидемиологияи бемориҳои зоонозӣ ва таъмини амнияти соҳаи чорводории мамлакат бахшида шуда, муҳимияти он ба таъмини амнияти озуқавории кишвар ва ҳифзи саломатии аҳолӣ, махсусан сокинони минтақаҳои кӯҳистон, алоқамандии зич дорад. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва умуман дар Тоҷикистон чорводорӣ яке аз самтҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ ва сатҳи зиндагии қисми зиёди аҳолӣ ба рушди ин соҳа вобастагӣ дорад.

Таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ҳайвонот, аз ҷумла шир ва гӯшт, дар иқтисоди кишвар нақши муҳим дошта, омӯзиш, такмили чораҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои зоонозӣ, инчунин назорат ва пешгирии онҳо дар нигоҳдории вазъи мусоиди эпизоотологӣ ва эпидемиологӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ ба 1 январи соли 2026 саршумори ҳайвоноти кишоварзӣ нисбат ба солҳои 90-уми асри гузашта ба маротиб афзуда, саршумори чорвои калони шохдор ба 2 890 952 сар ва чорвои майдаи шохдор ба 7 150 258 сар расидааст. Дар чунин шароит гузаронидани санҷишҳои серологӣ ва муайянсозии барангезандаҳои бемориҳои сироятӣ, махсусан брутселлёз, ки яке аз бемориҳои муҳими зоонозӣ ба ҳисоб меравад, аҳаммияти илмию амалии бештар пайдо мекунад.

Бинобар ин, тадқиқоти илмии муаллиф оид ба омӯзиши вазъи эпизоотологӣ ва эпидемиологии брутселлёз ва таҳияи чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, бо дарназардошти нақши онҳо ҳамчун манбаи эҳтимолии сирояти зоонозӣ ва таҳдид ба саломатии аҳолӣ, саривақтӣ ва дорои аҳамияти муҳим арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар раванди иҷрои кори илмӣ мавзӯи мазкурро бо такя ба далелҳои илмӣ, усулҳои муосири ташхисӣ ва таҳлили васеи эпизоотологию эпидемиологӣ дар шароити воқеии ВМКБ мавриди омӯзиш қарор додааст. Автореферат дорои тартиб ва сохтори мантиқӣ буда, аз муқаддима, шарҳи мухтасари адабиёт, методикаи тадқиқоти шахсӣ, натиҷаҳои тадқиқот, муҳокима, хулосаҳо, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар омода намудани диссертатсия ва гузаронидани тадқиқотҳо Кашкулоев М.Ш. адабиёти зиёди илмиро мавриди омӯзиш қарор дода, усулҳои классикӣ ва муосири ташхисӣ, аз ҷумла усулҳои серологӣ (аксуламали ҳалқагӣ, Роз-Бенгал), бактериологӣ, микроскопӣ, биологӣ ва махсусан усули молекулавии АЗП (аксуламали занҷирии полимеразӣ)-ро истифода бурдааст. Истифодаи маҷмӯи усулҳои ташхисӣ имкон додааст, ки барангезандаи беморӣ бо эътимоди баланд муайян карда шавад. Натиҷаҳои мусбии ташхиси бактериологӣ бо усули АЗП дар гели агарозӣ тасдиқ гардида, мансубияти барангезанда муайян карда шудааст.

Тадқиқотҳо дар муассисаҳои тахассусии соҳавӣ, аз ҷумла дар заминаи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон амалӣ гардида, миқдори зиёди намунаҳои биологӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки аз миқёси васеи корҳои иҷрошуда шаҳодат медиҳад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки омӯзиши бемориҳои сироятӣ ва зоонозӣ, аз ҷумла брутселлёз дар байни қӯтосҳо, аз соли 1968 то инҷониб дар Тоҷикистон дар хоҷагиҳои қӯтоспарварии ҷумҳурӣ ба таври мунтазам ва комплексӣ ба роҳ монда нашуда буд. Аз ин рӯ, гузаронидани мониторинги эпизоотӣ ва эпидемиологии бемориҳои зоонозӣ ва ҷорӣ намудани низоми самарабахши чораҳои ташхисӣ, пешгирӣ ва мубориза бар зидди брутселлёз бо дарназардошти шароити ноҳияҳои баландкӯҳи кишвар аҳамияти махсус дорад.

Бо дарназардошти мушкилоти мавҷуда, бори аввал минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ ва иқлимии баландкӯҳи Помир, махсусан ноҳияи Мурғоби ВМКБ, аз ҷониби муаллиф мавриди омӯзиши комплексии вазъи эпизоотологӣ ва эпидемиологии брутселлёзи қӯтосҳо дар давраи солҳои 2013–2022 қарор гирифтаанд.

Дар идомаи тадқиқот аз ҷониби муаллиф инчунин арзёбии муқоисавии самаранокии ваксинаҳои зидди брутселлёзии хайлҳои 19 ва 82 гузаронида шуда, натиҷаҳои бадастомада барои такмили тадбирҳои профилактикӣ ва интихоби схемаи оптималии эмгузаронӣ дар қӯтоспарварӣ заминаи илмӣ гузоштаанд.

Натиҷаҳои тадқиқот дар таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳавӣ, аз ҷумла «Дастурамал оид ба омӯзиши эпизоотологияи минтақавии брутселлёз» (13.02.2015 аз ҷониби Шӯрои илмӣ-техникии Хадамоти назорати давлатии байторию Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст) ва дастури методии «Тартиби гузаронидани ташхиси бактериологии брутселлёзи ҳайвонот» (аз ҷониби Раиси Кумитаи бехатарии озуқаворию назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.05.2024 тасдиқ шудааст) истифода шудаанд. Маводи мазкур метавонад барои омӯзгорон, донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва магистрҳо, инчунин институту факултетҳои тибби ветеринарӣ ва биологӣ ҳамчун маводи таълимӣ ва методӣ истифода гардад.

Бо дарназардошти муҳимияти мавзӯъ, ҳаҷм ва сифати маводи таҳқиқотӣ, истифодаи маҷмӯи усулҳои муосири ташхисӣ, сатҳи навгонии илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, интишори маводи

диссертатсия ва татбиқи натиҷаҳои он, чунин мешуморам, ки автореферати диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович дар мавзӯи «Мониторинги эпизоотологию эпидемиологӣ ва чораҳои мубориза бар зидди брутселлёзи қӯтосҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон», пурра ба бандҳои 3.7 ва 3.8-и Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) мутобиқат мекунад.

Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 76–79, 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯй мебошад.

Бо дарназардошти мубраммияти мавзуъ, сатҳи баланди иҷрои тадқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин асоснокии хулосаҳо, диссертатсияи Кашкулоев Маҳмадназар Шарипович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:

Директори Институти тибби ветеринарии
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ветеринарӣ Р.А. Атауллозода
15.09.26

Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Клара Сеткина х. 8 ҳуҷ 17.
Телефон: (+992) 907-80-44-63.
Почтаи электронӣ: rajabmurod69@mail.ru

Имзои Атауллозода Р.А.-ро
тасдиқ мекунам.
Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои
Институти тибби ветеринарии АИКТ Шабнами Р.
15.09.2026

Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Қаҳҳаров, 43.
Телефон: (+992) 372-27-51-92
Почтаи электронӣ: iveterinari@mail.ru